**ХУЛОСАИ**
**шурои диссертатсионии 6D.КОА-019-и наздиАкадемияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм**

**Парвандаи аттестатсионии № _____**
**Қарори Шурои диссертатсионӣ**
**аз 13 сентябри соли 2025, №18**

**Дар бораи сазовор донистани Анварзода Самандар Анвар, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ.**

Диссертатсияи Анварзода Самандар Анвар дар мавзуи «Асосҳои ҳуқуқии танзимкунандаи истифодабарии натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.12 – Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) дар таърихи 26 июни 2025 сол, суратмаҷлиси № 17 аз ҷониби Шурои диссертатсионии 6D.КОА-043-и назди Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25.10.2024 №407/шд таъсис дода шудааст, ба ҳимоя қабул карда шудааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Анварзода Самандар Анвар 07-уми ноябри соли 1992 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. У соли 2010 ба шуъбаи рӯзонаи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба ихтисоси ҳуқуқшиносии умумӣ дохил шуда онро соли 2015 аз рӯйи ихтисоси (ҳуқуқшиносӣ) бо дипломи аъло хатм намудааст.

Мавсуф 5 ноябри соли 2015 ба мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба кор қабул гардида, сараввал дар вазифаи коромӯз, баъдан дар вазифаи мустақили муфаттиши прокуратураи ш. Панҷакент, ва аз 30 апрели соли 2020 то ин ҷониб дар вазифаи прокурори шуъбаи назорати иҷрои қонунҳо дар ҷойҳои ҳабси пешакӣ ва иҷрои ҷазои ҷиноятии Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон кору фаъолият намуда истодааст.

Номбурда бо фармоиши сардори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31-уми марти соли 2021, № 243 ба ҳайси унвонҷуйи шуъбаи адъюнктураи Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул шуда, онро моҳи апрели соли 2025 хатм намудааст.

Мавзуи диссертатсия дар ҷаласаи васеи Шурои олимони Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01 апрели соли 2024, №8 тасдиқ шудааст.

Диссертатсия дар кафедраи мурофиаи ҷиноятии факултети № 2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ:** Раҳимзода Рамазон Ҳамро, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, Ҳуқуқшиноси шоистаи Тоҷикистон, Вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, генерал-полковники милитсия.

**Муқарризони расмӣ:**

– **Искандаров Зайниддин Ҳамидович** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, профессори кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

– **Салимов Бахромҷон Азизович** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, сардори кафедраи фанҳои ҳуқуқии Мактаби Олии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Муассисаи пешбар:** Муассисаи байнидавлатии таълимии таҳсилоти олии «Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон» (ш. Душанбе).

Дар хулосаи мусбати додашудаи муассиса, ки аз ҷониби ташхисгар профессори кафедраи мурофиаи ҷиноятӣ ва криминалистикаи Муассисаи байнидавлатии таълимии таҳсилоти олии «Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон», доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Ҳамроев Ш.С. омода гардида, аз ҷониби раиси семинари васеи илмӣ-назариявӣ, иҷрокунандаи вазифаи сардори кафедраи мурофиаи ҷиноятӣ ва криминалистикаи Муассисаи байнидавлатии таълимии таҳсилоти олии «Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон», номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Назарзода Р.Г. ва котиби ҷаласа, муаллимаи кафедраи кафедраи мурофиаи ҷиноятӣ ва криминалистикаи Муассисаи байнидавлатии таълимии таҳсилоти олии «Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон» Желтова В.А. имзо ва аз ҷониби ректори Муассисаи байнидавлатии таълимии таҳсилоти олии «Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон», доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Файзулло М.Ш. санаи 19.08.2025 сол тасдиқ шудааст, қайд менамояд, ки диссертатсия ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

Бояд қайд намуд, ки диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия ва моҳияти он 6 мақолаи илмӣ нашр карда аст, ки 3 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикос ёфтаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, мутобиқ мебошад.

**I. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**

**[1-М].** Анварзода С.А. Асосҳои ҳуқуқии фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ: сарчашмаҳои конститутсионӣ ва ҷиноятӣ-ҳуқуқӣ [Матн] / С.А. Анварзода // Маҷаллаи академии ҳуқуқ. – 2022. – № 2 (46). – С. 148-155; ISSN 2305-0535.

**[2-М].** Анварзода С.А. Махсусияти ҳуқуқии натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ [Матн] / С.А. Анварзода // Осори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2023. – № 3 (59). – С. 142-147; ISSN 2412-141X.

**[3-М].** Анварзода С.А. Самтҳои такмили асосҳои ҳуқуқии натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ [Матн] / С.А. Анварзода // Осори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2025. – № 2 (66). – С. 146-152; ISSN 2412-141X.

**II. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмуаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ чоп шудаанд:**

**[4-М].** Анварзода С.А. Аҳаммияти натиҷаҳои чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ [Матн] / С.А. Анварзода // 15-солагии Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон: вазъият ва дурнамо: маҷмуаи маводди конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ, ш. Душанбе, 03 декабри с. 2024 / Зери тахр. н.и.ҳ., генерал-майори милитсия П.А. Насуриён, д.и.ҳ., дотсент Р.Р. Раҳмадҷонзода. – Душанбе: Нашриёти Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2025. – С. 280-284.

**[5-М].** Анварзода С.А. Сатҳи коркарди таълимӣ ва илмӣ-амалии истифодабарии натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ [Матн] / С.А. Анварзода // Пайки оперативӣ. – 2025. – № 1 (2). – С. 87-93.

**[6-М].** Анварзода С.А. Ташаккул ва инкишофи асосҳои ҳуқуқии истифодабарии натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ / С.А. Анварзода // Маҷмуаи маводди IV-умин конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи «Илми ҳуқуқшиносӣ ва амалияи он» бахшида ба Рӯзи илми тоҷик (ш. Душанбе, 18 апрели с. 2025) // Зери таҳрири П.А. Насуриён. – Душанбе: Матбааи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2025. – С. 354-361.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба Шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

**Назаров Аваз Қувватович,** доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, мудири кафедраи криминалитика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

**Қаҳҳоров Насимҷон Мазбутович,** номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон;

**Қобилов Ботурхоҷа Қобилхоҷаевич** номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминалистика ва

муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон.

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, дар онҳо баъзе эродҳои хусусияти баҳснокдошта манзур шудааст. Эродҳо асосан ба масъалаҳои мубоҳисавии диссертатсия, аз ҷумла, оид ба истифодабарии натиҷаҳои **ФОҶ** ки барои тайёр намудан ва гузаронидани амалҳои тафтишӣ равона карда шудаанд, ва бартараф намудани мушкилоти қонунгузорӣ ва амалияи судӣ, таҳлили муқоисавии ҳуқуқии қонунгузории давлатҳои аъзои ИДМ дар ин самт, истифодаи маводҳои эмпирикӣ ва баъзе нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшударо фаро мегиранд.

**Муқарризон ва муассисаи пешбар** бо дарназардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-уми июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд.

Ҳамчунин, интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар бо он асоснок карда мешавад, ки онҳо аз рӯйи ихтисоси 12.00.12 – Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) дар сатҳи дахлдор таҳқиқоти илмӣ анҷом додаанд ва корҳои илмӣ-таҳқиқотии онҳо ба масъалаи гуногуни кори илмии анҷомдодашуда, алоқамандии зич доранд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷрои таҳқиқоти илмӣ:**

– **коркард карда шуд:** асосҳои ҳуқуқӣ ва назариявии таҳқиқоти диссертатсионии мазкур бо корҳои илмии олимони ватанӣ ва хориҷӣ, ки бевосита дар қисмати дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмии диссертатсия пурра оварда шудаанд ва дигар олимон-мутахассисони соҳавӣ, қиёс гардида, махзани илмии он пурра карда шуд.

– **пешниҳод шудааст:** истифодабарии натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ – амали мақомоти тафтишоти пешакӣ, прокурор, судя (суд) бо маводи оперативии ғайримахфигардида ва пешкашкардашудаи мақомоти амаликунандаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ҷиҳати санҷишу баҳогузории асоснок ва қонунии онҳо ва истифодабариашон дар ҷараёни исбот бо парвандаи ҷиноятӣ мебошад.

– **исбот шудааст:** раванди ташаккул ва инкишофи асосҳои ҳуқуқии истифодабарии натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, инчунин, ҷараёни таъсиси механизми устувори амалигардонии он дар таҷрибаи мурофиаи судии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз он шаҳодат медиҳад, ки дар натиҷаи тадбирҳои дар ин самт андешидашуда, институти истифодабарии натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ҳамчун қисми ҷудонашавандаи низоми муқовимат ба ҷинояткорӣ эътироф мешавад.

– **ҷорӣ намудан:** натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ, ва як қатор тавсияҳои амалии муаллиф, ки ба фаъолияти касбӣ дахл доранд, метавонанд дар дарсҳои хизматӣ, дар курсҳои такмили ихтисос ва курсҳои бозомӯзии кормандони мақомоти судӣ ва ҳифзи ҳуқуқи кишвар,

инчунин, дигар кормандони мақомоти дахлдори давлатӣ васеъ истифода бурда шаванд.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқоти диссертатсионӣ бо он асоснок карда шудааст, ки** фикру андешаҳо, хулосаҳои назариявии муаллифро, ки дар натиҷаи таълифи таҳқиқоти диссертатсионии мазкур ба даст оварда шудаанд, метавон дар омӯзиш ва таҳлили минбаъдаи асосҳои ҳуқуқии истифодабарии натиҷаҳои ФОҶ дар фаъолияти илмӣ, таълимӣ ва амалии муассисаҳои таълимӣ, илмӣ ва мақомоти дахлдори давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон васеъ истифода бурд. Натиҷаҳои илман асосноккардашудаи муаллиф вобаста ба мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии мазкур дар фаъолияти мақомоти қонунгузорӣ, судӣ ва ҳифзи ҳуқуқ низ истифода бурдан имконият дорад.

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта,** ба сифати заминаи методологии таҳқиқот усулҳои диалектикӣ, инчунин, ҷиҳати баррасии минбаъдаи вазифаҳои гузошташудаи муаллиф бо истифода аз равишҳо ва усулҳои расмӣ-ҳуқуқӣ, расмӣ-мантиқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, оморӣ ва дигар усулҳои илмии умумӣ ва махсус, истифода гардидаанд. Ҳамчунин, дар натиҷаи таҳқиқоти гузаронидашуда муайян карда шуд, ки мушкилоти асосҳои ҳуқуқии истифодабарии натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар он таҷассум меёбад, ки:

- **баён шудани** он ҳолате, ки муайян ва мушаххас намудани асосҳои ҳуқуқии истифодабарии натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ як қатор мушкилот дорад, ки баррасии илмӣ-назариявӣ ва амалии онҳо гузаронидани таҳқиқоти диссератсионии дахлдорро тақозо намуд.
- **ошкор гардидани** он, ки ҷанбаҳои зиёди масоили асосии баррасишавандаи таҳқиқоти диссертатсионӣ зарурати гузаронидани таҳқиқоти навро ба миён оварда буд.
- **омӯхта шудаанд:** ташаккул ва инкишофи асосҳои ҳуқуқии истифодабарии натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ; исбот намудани ҷамъоварии натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ то оғози парвандаи ҷиноятӣ; асосҳои истифодабарии натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ҳангоми тафтиши парвандаи ҷиноятӣ; истифодабарии натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар рафти мурофиаи судӣ; мушкилоти асосии истифодабарии натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ ва назоратбарии идоравӣ ҷиҳати истифодабарии натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ аз ҷониби мақомоти амаликунандаи он.
- **аз нав такмил додани:** қисмати дахлдори фанни таълимӣ ва илми фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, васеъ ва дуруст истифода бурдани дастовардҳо ва ҷузъиёти қонунгузории соҳавӣ, амалияи ҳуқуқтатбиқнамоии мақомоти судӣ, ҳифзи ҳуқуқ ва дигар сохторҳои кудратии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешаванд, ки** таҳқиқоти диссертатсионии мазкур аввалин таҳқиқоти монографӣ дар ҷумҳурӣ мебошад, ки масъалаҳои назариявӣ ва амалии асосҳои ҳуқуқии истифодабарии

натиҷаҳои ФОҶ-ро дар бар мегирад. Бояд иброз намуд, ки дар чунин сатҳ таҳқиқоти монографӣ ва таҳқиқоти диссертатсионӣ вобаста ба мавзуи интихобнамудаи диссертант дар ҷумҳурӣ таълиф ва ба ҳимояи ошкоро пешниҳод карда нашудааст.

Таҳқиқоти анҷомдодашуда метавонад ҳамчун сарчашма дар фаъолияти таълимӣ вобаста ба фанҳои таълимии «Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ», «Криминалистика», «Ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ», "Фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ" ва курсҳои махсус, ки дар кафедраҳои дахлдори факултетҳои ҳуқуқшиносии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ тадрис дода мешаванд, метавонанд истифода шаванд.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки:** натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ба таҳлили воқеъбинона ва ҳаматарафаи таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ оид ба паҳлуҳои мухталифи масъалаҳои асосҳои ҳуқуқии истифодабарии натиҷаҳои ФОҶ-ро, таҳлили натиҷаҳо ва хулосаҳои дар илм пазируфташуда, мафҳумҳо, андешаҳо ва тавсияҳои назариявию амалии муаллиф, омӯзиши адабиёти умумӣ ва махсус оид ба таҳқиқот ва рисолаҳои як қатор олимон, ки нуктаҳои назари илмии муосирро оид ба истифодабарии натиҷаҳои ФОҶ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳури Тоҷикистон инъикос менамояд, таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории миллӣ бо қонунгузории кишварҳои хориҷӣ оид ба ин самти фаъолият, таҳқиқи ҳолати кунунӣ, дурнамо ва роҳҳои такмили қонунгузории кишвар оид ба масъалаи мазкур асос меёбад.

**- ғоя асоснок карда шудааст, ки** фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ пеш аз ҳама барои дастрас намудани маълумоти воқеӣ ва супоридани онҳо ба мақомоти ваколатдор хизмат мекунад, ки ин маълумот метавонад ҷараёни дигар намудҳои фаъолияти мурофиавии ҷиноятиро дар доираи парвандаи ҷиноятии оғозшуда муайян намояд. Барои он ки натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дуруст истифода бурда шаванд, лозим аст, ки ба як қатор меъёрҳои санадҳои зерқонунӣ муроҷиат намуд, ки дар онҳо нишондодҳои мушаххас муқаррар карда шудаанд. Новобаста аз ҷой доштани иқтидори муайяни илмӣ, таълимӣ ва амалӣ дар ҷодаи таҳлили маҷмуии асосҳои ҳуқуқии истифодабарии натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар ҷумҳурӣ ва берун аз он, мавзуи мазкур зарураtро барои гузаронидани таҳлили маҷмуии илмӣ-амалӣ тақозо менамояд.

**- истифода шудаанд:** истилоҳҳоти соҳавӣ, ба монандӣ: "назоратбарии идоравӣ", "назоратбарии судӣ", ки айни замон дар илм ва амалияи мақомоти амаликунандаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ нақши ҳалкунанда доранд.

**- муайян шудаанд:** ташаккул ва инкишофи асосҳои ҳуқуқии истифодабарии натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ; исбот намудани ҷамъоварии натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ то оғози парвандаи ҷиноятӣ; асосҳои истифодабарии натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ҳангоми тафтиши парвандаи ҷиноятӣ; истифодабарии натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар рафти мурофиаи судӣ; мушкилоти

асосии истифодабарии натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ ва назоратбарии идоравӣ ҷиҳати истифодабарии натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ аз ҷониби мақомоти амаликунандаи он..

**- истифода шудаанд:** махзани қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бевосита ба мавзӯи илмӣ тааллуқият доранд, ҳамзамон, махзанҳо ва бойгонии Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сармаркази иттилоотӣ-таҳлилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумоти оморӣ, маълумотномаҳо, ҳисобот ва дигар маводи таҳлилӣ.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот** дар он тавсиф меёбад, ки паҳлуҳои гуногуни мавзуи мазкур дар шакли маҷмуи таҳлил гардида, як қатор фикру хулосаҳои муаллиф тибқи нақшаи омоданамоии таҳқиқоти диссертатсионии мазкур ва самтҳои мухталифи масоили ҷойдоштаи илм ва амалияи ҳуқуқтатбиқнамоии мақомоти судӣ ва ҳифзи ҳуқуқи кишвар, ки дар самти асосҳои ҳуқуқии истифодабарии натиҷаҳои ФОҶ тибқи муқарраороти пешбининамудаи қонунгузории соҳавӣ, баррасӣ карда шудааст.

Дар маҷлиси шурои диссертатсионӣ аз 13 сентябри соли 2025 қарор қабул карда шуд, ки ба Анварзода Самандар Анвар дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ дода шавад.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ аз 11 нафар аъзои Шурои диссертатсионӣ, ки бо Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25.10.2024 №407/шд тасдиқ гардидааст 10 нафар иштирок доштанд, ки аз онҳо 5 нафарашон докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд. Аз 10 нафар аъзои Шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта, овоз доданд: ба тарафдории додани дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ 10 нафар, муқобил – нест, бетараф нест, бюллетенҳои беэътибор – 0.

**Раиси Шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ** **Назарзода Н.Ҷ.**

**Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент** **Сафарзода Ҳ.С.**

**13-уми сентябри соли 2025**